# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шерзода Мехрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Дар илми сивилистикаи муосир яке аз ҷабҳаҳои институтсионалии омӯзишшавандаро масоили розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ ташкил менамояд, ки дар доираи ғояҳои илмӣ таҳқиқотҳои гуногунсатҳ ба сомон расонида шудаанд.

Гирифтани розигии тарафҳо дар муносибатҳои байниякдигарӣ, шахсони сеюм, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми бастани аҳдҳо дар муомилоти маданӣ аҳаммияти муҳим доранд. Қонунгузор ҳолатҳои зиёдеро дар қонунҳои алоҳида пешбинӣ намудааст, ки барои анҷом додани аҳдҳо ё дигар амалҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта «розигӣ» зарур аст.

Ифодаи истилоҳ ё мафҳуми «розигӣ» дар муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ ва қонунгузории маданӣ дар истифодаи он дар якчанд падидаҳои ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Масалан, дар КМ ҶТ чунин ифодаи истилоҳи розигӣ дар қабули қарори якдилона, дар лаҳзаи бастани шартномаҳои мухталиф, инчунин ба маънои баёни иҷозат, зоҳир намудани посухи мусбӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад. Дар ҳолатҳои номбурда маъно ва мазмуни ҳуқуқии розигӣ ба таври гуногун истифода гардида, бояд истилоҳи розигӣ бевосита аз ҳар як нуқтаи назар таҳқиқ карда шавад. Аммо новобаста аз мавҷуд будани шаклҳои гуногуни баёни навъҳои розигӣ, он дар ҳамаи ҳолатҳо амали мустақили ҳуқуқии яктарафа шуморида мешавад. (саҳифаи 3)

Дар баробари ин, истилоҳи «розигӣ» дар КМ ҶТ хеле зиёд ба назар мерасад. Ҳамзамон худи мафҳуми «розигӣ» дар ягон моддаи КМ ҶТ ҷой надорад. Мавҷуд набудани мафҳуми «розигӣ» дар қонунгузорӣ дар байни олимон баҳсу мунозираҳои зиёдеро ба миён оварда, таҳқиқи нопурраи табиати ҳуқуқӣ, моҳият ва аломатҳои хоси он аз доираи таҳлили илмӣ бархурдор нагардидаанд, зеро таваҷҷӯҳи аксари олимони соҳа бештар диққати худро ба масъалаҳои амалии истифодаи «розигӣ» ва тартиби баёни он нигаронидаанд. Дар баробари ин, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, вобаста ба баъзе омилҳои баёни «розигӣ» мушкилотҳо зиёде мавҷуд мебошанд, ба монандӣ: вобаста ба андозаи иттилооте, ки дар ифодаи розигӣ нишон дода мешавад; вобаста ба зарурияти нишон додани аломатҳои умумии мавзуи аҳд дар розигии пешакӣ; вобаста ба талабот оид ба фардикунонии аҳде, ки ба он розигӣ дода мешавад; вобаста ба розигии минбаъда барои «барқарор» кардани аҳд ва ғайра.

Дар ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ тартиби гирифтани розигӣ, аз шахсе, ки бояд салоҳият ва ё ваколати изҳори розигиро дорад, муқаррар нагардидааст. Инчунин вобаста ба бекор намудани розигӣ низ равиши якхела ҷой надорад.

Дар қонунгузории маданӣ масъалаҳои бекор кардани розигии минбаъда, розигии пешакӣ, шакл ва муҳлати рад кардани розигӣ муайян нагардидаанд.

Дар Тоҷикистон масъалаи розигӣ дар ҳуқуқи мадании ватанӣ махсусан таҳқиқ нашудааст. То имрӯз ягон таҳқиқоти монографии комилан бахшидашуда аз ҷониби олимони тоҷик ба ин мавзу вуҷуд надорад. Аксаран, омӯзиши розигӣ дар заминаи баррасии амалҳои ҳуқуқие, ки қонун вобаста ба зарурати розигӣ танзим кардааст, сурат мегирад. Дар ин замина олимон ҳангоми таҳқиқоти илмии падидаи баррасишаванда асосан ба ҳолатҳои мушаххасе диққат додаанд, ки барои зарурати изҳори розигӣ равона гардидаанд, яъне қарздор дар мавриди интиқоли ҳуқуқи талаб ба дигар шахс розигӣ медиҳад ё розигии кредитор-гаравгир барои тағйири уҳдадориҳои таъминшуда ва ғайра баён карда мешвад. (саҳифаи 4)

Андешаи болозикр бозгӯи он мебошад, ки диссертант дар доираи ғояи илмии мавҷуда, қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи илмии хориҷӣ таҳқиқотро дар сатҳи комил ба анҷом расонидааст. Метавон иброз намуд, ки таҳқиқот дар замони муосир дар амалияи татбиқи амалии ҳадафҳои қонунгузории мадании мамлакат мубрам аст.

Аз таҳлили серҷабҳаи масъалаҳои дар автореферат баррасигардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот низомнок ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи мавҷударо фарогир буда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки диссертант вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии асоснокро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва ташаккули қонунгузории самти мазкур пешкаш намудааст, ки аз сатҳи баланди илмидоштани он гувоҳи медиҳад. Қобил ба зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст, ба таври васеъ истифода гардад.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашриҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки муаллифи диссертатсия дар самти масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқи маданӣ истифода намуд.

Натиҷаҳои таҳқиқҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар як қатор конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашри худро ёфтааст, ки ҳолати мазкур гувоҳии инъикоси ҳамаҷонибаи моҳият ва мақсади натиҷаҳои таҳқиқот мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ дар асоси маъхазҳои эътимодноки дохилидавлатӣ ва хориҷӣ анҷом дода шудааст.

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбат, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок мебошанд, аз он ҷумла диссертант дар саҳифаи 43-44-уми автореферат зикр менамояд, ки «Ба розигӣ танҳо дар ҳолате, шакли ҳуқуқӣ дода мешавад, ки агар он маъқул донистани аҳд ё амали аҳаммияти ҳуқуқидоштаро таъмин намояд.». Бо ҳамин тартиб нисбат ба масхалаи мазкур истода намегузарад ва ё мавқеи худро низ мушаххасан мустаҳкам накардааст. Бо ин назардошт, аз довталаби дараҷаи илмӣ пурсида мешавад, ки нисбати ҳолати мазкур мавқеи илмии худро дар ҳимояи ошкорои диссертатсия мушаххас намояд.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати диссертатсия нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо инъикоскунандаи он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қодирзода М.А.

Имзои Қодирзода Мирзоқодир Аюбро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru

02. 03. 2025